Вазорати таълими халқии жумҳурияти Ўзбекистон

Институти такмили ихтисос ва азнавтайёркунии муаллимони вилояти Намангон

**<u>Кафедраи таълими забон ва адабиёт</u>**

***Аз фанни «Методикаи таълими забон ва адабиёти тожик»***

# МАТНҲОИ МАЪРЎЗА

Намангон – 2003

Вазорати таълими халқии жумҳурияти Ўзбекистон

Институти такмили ихтисос ва азнавтайёркунии муаллимони вилояти Намангон

**<u>Кафедраи таълими забон ва адабиёт</u>**

***Аз фанни «Методикаи таълими забон ва адабиёти тожик»***

МАТНҲОИ МАЪРЎЗА

Намангон – 2003

*Матни маърузаҳо ба шунавандагони курси такмили ихтисос ва азнавтайёркунии муаллимони забони тожики ва адабиёт, ки дар соҳаи таълими халқи фаъолият нишон медиҳанд, бахшида шудааст.*

*Матнҳои мазкур дар асоси талабҳои давлати ва мувофиқи речаи таълими-кори дар асоси дастури дар амал буда тайёр карда шудааст.*

*Аз ин матнҳо муаллимони забон ва адабиёти точики мактабҳои таълими ҳамагони, донишчўёни факултаи филологияи точик, шунавандагони курси такмили ихтисос ва азнавтайёркунии муаллимон истифода бурданашон мумкин аст.*


***Тартибдиҳанда:*** **К.Юлдашева** – Усулиётчии қисми «Маркетинг» – и НВПҚТМОИ

***Тақризчиён:*** **Ботиров Тўйчивой** – муаллими калони кафедраи «Педагогика, психология, таълими томактаби ва синфҳои ибтидои» - и НВПҚТМОИ

**Омонова Хосият** – Усулиётчии қисми «Илмий-методик ва нашриёт» - и НВПҚТМОИ



***Матни маърўзаҳо дар чамъомади рақами _____ кафедраи таълими забон ва адабиёти НВПҚТМОИ таҳлил карда шудааст ва ба шўрои илмии институт барои муҳокима тавсия карда шудааст.***

***Матни маърўзаҳо, ки барон ходимони педагоги ва шунавандагон пешниҳод карда шудааст, дар шўрои илмии НВПҚТМОИ қарори рақами____________– и чамъомад барои чоп тавсия карда шудааст.***


## «ТОЖИК ТИЛИ ВА АДАБИЁТИ ЎҚИТИШ МЕТОДИКАСИ» КУРСИ БЎЙИЧА ДАВЛАТ ТАЛАБЛАРИ.

**«Тожик тили ва адабиёти ўқитиш методикаси» курс тингловчилари учун:**

- Тингловчиларни қайта тайёрлаш ва малакасини ошириш муддатли тарзда ишчи ўқув режа асосида амалга оширилишини билишлари;
- Тингловчилар эгаллаган билим, малака ва кўникмалар баҳолаш тартиби мезон асосида амалга оширилиши;
- Таълим ва кадрлар тайёрлаш соҳасидаги давлат сиёсатининг асосий йўналишларини билишлари;
- Янги, қўшимча касбий малака ошириш ва кўникмаларини такомиллаштиришлари;
- Таълим-тарбиянинг самарали усуллари, технологияларини эгаллашлари ва такомиллаштиришлари;
- Замонавий ахборот технологияларидан фойдалана олишлари;
- малака ошириш ишлаб чиқаришдан ажралган ҳолда 21 кунлик тарзда буйруқ асосида амалга оширилишини билишлари зарур.

Ижтимоий фанлар бўйича оддий курсларда 20 проф курсларда 20 соатлик ишчи режа асосида қуйидагиларни ўрганишлари:

- иқтисодиёт асослари бўйича;
- иқтисодий тизимлар;
- бозор иқтисодиёти;
- мулкчилик;
- тадбиркорлик;
- солиқлар;
- кредит;
- нарх;
- аграр муносабатлар;
- жаҳон иқтисодиёти ҳақидаги билим ва тушунчаларга эга бўлишлари керак.

- Давлат ва хуқуқ асослари;
- «Таълим тўғрисида»ги ва «Кадрлар тайёрлаш миллий дастури» ҳақидаги Қонунлар тожик тили ва адабиёти бўйича ДТС талабларини билиши;
- Ўзбекистон Республикаси таълим тизимини билиши;
- Вазирлар Маҳкамасининг таълимни ривожлантириш бўйича қабул қилинган қарорларини ўрганиб боришлари ва тадбиқ этиш;
- И.Каримов асарларида илгари сурилган таълим ҳақидаги фикрлар ва баркамол авлодни шакллантириш ғояларини билиши;
- Ўқувчилар билимини баҳолашнинг замонавий усулларини қўллай олиши;
- Тожик тили ва адабиёти дарслигидаги янгиликлар ва ўзгаришлардан бохабар бўлиши ҳамда уни ўқув жараёнида қўллаши;
- Гапларни таҳлил қилиш, машқлар талабларини ўрганиб, ўқувчиларга етказиш;

## *МАВЗЎЪ:* Навигари ва муваффақиятҳои адабиёти тожик

(2 соат)

***Мақсади маъруза:***

А) бо муваффақият ва навигариҳои забони тожики, ки дар давраи солҳои мустақили соҳиб шуд, шинос намудан;
В) тағиротҳои китоби дарси, асарҳои наве, ки ба китоби дарси дохил карда шудааст, ғояи онҳо ва мақсади онҳоро донистан;
С) миллиги, аҳамияти асарҳое, ки рўҳи милли доранд,жои онҳо дар тарбияи насли наврасро асоснок намудан.

**Р е ж а :**

1. Нигоҳҳои милли ва жои адабиёт дар он.
2. Аҳамияти асарҳое, ки ба китоби дарсии нав дохил карда шудааст.
3. Талабҳо ба асарҳое, ки даврро тараннум менамояд.
4. Асарҳое, ка дар даври мустақили ба забонҳои хорижи таржима шудааст.
5. Аҳамияти асарҳое, ки ғояи миллиро тараннум менамояд.

Натижаҳои интизоршуда:

Дигаргуниҳое, ки дар солҳои мустақили дар диёрамон воқеъ шудааст, аз жумла, муваффақиятҳои, навигагариҳои адабиётшуносии тожикро меомӯзанд;

Асарҳое, ки дар рӯҳи милли навишта шудааст, мақсади онҳо аз даровардани ин мавзӯъҳоро донистан ва ба онги хонандагон расонда тавонистанро меомӯзанд.

Асарҳое,ки бо рӯҳи милли навишта шудааст хонондан, ба тарбияи хонандагон таъсири ижоби расондан ба тарбияи авлоди солиму баркамол аҳамияти калон додан.

Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи таълим в «Дастури миллии тайёр намудани кадрҳо» қабул гардиданд. Барномаи таълими, ки то солҳои истиқлол аз он истифода мекарданд, ба рӯҳу афкори дигаргуншудаи зиндагии навсохт дар Жумҳурии Ўзбекистон мувофиқат намекард, зеро то ин дам мафкураи жамъияти коммунисти ҳукмрон буд. Тарзи таълими адабиёт шаклан миллию мазмунан сотсиалисти имкон намедод, ки чун Мавлоно Руми, Аттори Нишопури, Саноии Ғазнавиро дар мактабҳои таълими ҳамагони ба таври бояду шояд омӯзонида шавад.

Бо саъйи як қатор олимони адабиётшинос ва бо кӯмаки Маркази таълими жумҳури рӯи нашрро дидани «Барномаи адабиёти тожик барои синфҳои V - IX» амри хайр ва иқдоми некест.

Дастури мазкур аз дӯши омӯзгорон як кӯҳи калонро поён афканд, ки барои ин кӯшишот ба тартибдиҳандагони барнома аз номи ҳама омӯзгорони фанни адабиёти мактабе, ки дар он дарс мегӯем, миннатдори баён намуда оиди он чанде мулоҳизоти хешро гуфтанием.

Хуб аст, ки дар барнома ҳар як мавзӯъро вобаста бо моҳияту қимати бадеиаш соатҳо жудо шудааст. Аз адабиёти ўзбеку жаҳон низ мавзӯъҳои муйяне дохил гардидааст.

Барои аз ёд кардан ва асарҳо барои хониши берун аз синфи, корҳои хатти ва шифоҳи аз адабиёт пешниҳод шудаанд, ки ҳамаи инҳо ба қадри муайяне заҳмати омӯзгоронро сабук менамоянд. Лекин барои омӯхтани Ҳофизу Бедил соатҳо кам жудо шудааст.

Дар мактабҳо тарбия ҳамеша пеш аз таълим аст. Пас аз истиқлол хонандагон ба ғояҳои Қуръони Карим такя карда истодаанд.

Инсони комилро бе «маснавии»-и Мавлоно Жалолиддини Балхиро,

«Девони Шамси Табрези» - ро хондан лозим аст «Шеъри нав дар Ўзбекистон» - ин мавзӯъ низ соати жудогона мехоҳад, ки чеҳраҳои Заъфари Муҳаммад, Абдулло, Субҳон дар мадди назар аст, Онҳое, ки пушти пардаи торики таърих бегуноҳ маҳв шуданду дар замони шӯрави омӯзиши осору ашъорашон манъ буд, аз жумлаи Ажзи, Тамҳид ҳамоно аз барнома берун мондаанд. Ба фикрамон мавзӯи ижтимоии тавассути Ажзи ба назм жасурона дахил гардид.

Барои муаллимони адабиёти тожик «Хрестоматияи адабиёти тожик» лозим аст. Зеро эжоди бисёр адибоне, ки дар барнома ҳаст, имрӯз дастрасони аксарияти муаллимон нест умед аст, ки китобҳои услуби таълими эжоди адибони тожики ўзбекистони зиёд хоҳад шуд. То мо худамон ба қадри адибони ватанамон нарасем, дигарон нахоҳанд расид.

Дастури таълимии дигаре, ки дастраси муаллимон гардид, «Бӯстони маърифат» - мачмӯаи илмию услубии ба ёрии омӯзгорони забону адабиёти тожик аст, ки низ аз жониби Маркази таълими жумҳури дар нашриёти «Зиё чашмаси» нашр гардид.

Омӯзгорон медонанд, ки дарси адабиёт асоси ташакулли дунёи маънавии инсони комил аст. Пас ташакулли тафаккури истиқлоли милли дар дарсҳои адабиёт бояд чи гуна бошад? Мақолаи устоди Донишгоҳи Давлатии Самарқанд А. Қамарзода ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Муаллифи мақола эътибори омӯзгорони забон ва адабиёти тожики мактабҳои Ўзбекистонро ба таълими адабиёт дар асоси технологияи нави педагоги, ки андозаи давлатии таълим талаб менамояд, жалб менамояд.

Маъёри баҳогузори ба корҳои хаттии донишомӯзон низ яке аз масъалаҳои зарур барои омӯзгорон аст.

Дастури дигари таълимии М. Баҳодурова « Омӯхтани ҳаёт ва эжодиёти Жонибек Қувноқ дар мактаби миёна» низ аз нашр баромад. Шеърҳои зиёде дар васфи Ватан, дӯстиву рафоқат, ашъори зиёди лирики офаридааст.

Асарҳои Ж.Қувноқ «Қарз», «Ифтихор», «Розҳо», «Саҳоват» дар шакли китобчаи алоҳида таржума шудааст.

Хуллас, асарҳое, ки ғояҳои миллиро тараннум менамояд бисёртар омӯзонида шавад.

**Адабиётҳо:**


1. «Барномаи адабиёти тожик барои синфҳои 5-9» Тошканд 2003.
2. «Бӯстони маърифат» Тошканд 2003.
3. М.Баҳодурова «Омӯхтани ҳаёт ва эжодиёти Жонибек, Қувноқ дар мактаби миёна» Тошканд 2003.
4. Рӯзномаҳои «Овози тожик» 15 марти соли 2003, 24 маи соли 2003


**Савол ва супориш.**

1. Дар бораи дигаргуниҳои, адабиёти тожик дар аввалҳои асри XX рӯй додааст гӯед?
2. Ғояҳои асосии назм ва насрро медонед?
3. Ғояҳои адабиёти шӯравиро чи гуна фаҳмондан лозим?
4. Дар вақти рӯҳи миллиро ба онги хонандагон расондан роли адабиёт чи гуна аст?

## ***<u>МАВЗӮЪ</u>*: Таҳлили луғавии матн**

(4 соат)

***Мақсад***: Шиносои бо асари нависандагон, шоирон, бой намудани захираи луғави, ҳосил кардани малака.

***Нақша:***

1. Сӯҳбати муқаддимави
2. Моҳияти таҳлил.
3. Шаклу намудҳои таҳлили матн.
4. Таҳлили матн.

Адабиёт – чун санъати натоққи ва хазинаи сухан аз айёми тавлиди инсон аз аллаи гаҳвора то дами вопазин ҳамдаму ҳамрози мардум аст. Лафзи ширин ва гуворои тожики асрҳо боз оламиёнро ба ҳайрат овардааст.

Дар осори адаби ҳама бурду бохт ва ҳодисаю воқеаҳо равшан инъикос меёбад: ҳодисоти таърихи, лашкаркашиҳои амирону торожгарону золимон, шоҳони одилу карампеша…

Дар давоми солҳои зиёд асарҳои бисёре эжод шудааст, ки тарзу услуби асарҳо гуногун буда, таҳлили матнҳо душвориҳо ба вужуд меорад.

Барои сабук намудани душвориҳо ва мушкилиҳо бояд луғати адабиётшуноси тартиб намоем.

Саволе пайдо мешавад, ки моҳият ва мақсади асосии таҳлили асар ё матн аз чи иборат аст? Асари бадеи хонандаро ба мардумшиносию хештандори шинос менамояд, асари бадеи барои одамизод зиндагиномаест мутолиаи матн калидест, ки ба хонанда дар оянда барои хониши мустақилона роҳ мекушояд.

Таҳлил дар заминаи панду ҳикмат аз ҳикояҳои кӯчак шурӯъ гардида то ба маснави ва қиссаҳои машҳурро фаро магирад. Дар ҳар асари таҳлилшудаистода ҳиссиёти ажиб, паҳлӯҳои рангини ҳаёти мардум, нақшҳо дар симову сурати инсони, муносибатҳои одамони гуногунтабақа тасвир меёбад. Басо шогирдонро медонем, ки бо тақдири қаҳрамонҳо ҳаёт ба сар мебарад.

Дар синфи панжум ҳикояти «Подшоҳи золим ва жавони саховатпеша» омӯзонида мешавад. Бо воситаи ин асар хонанда метавонад бо ҳаёт ва ҳодисаи чандин асрҳо пеш руйдода шинос шавад. Бо баробари ин роҳи дурусти зиндагиро интихоб менамояд. Дар дохили ҳар як машғулот омӯзгор масъалаеро пеш биёрад, ки муаммои зиндаги набарду гуфтугузорҳои гузошта, имрӯзу фардои инсон пеш меоянд, пеш аз ҳама каломи фасеҳ, захираи луғави, маҳорати баёни шоир, парҳез аз калимаҳою ибораҳои душворфаҳм бояд хонандаро мутаважжаҳ созад.

Шаклу намудҳои таҳлилро дар методикаи таҳлил шартан ба навъҳо жудо намудаанд:

1. Таҳлили матн бо тамоми жузъиёташ.
2. Таҳлили интихоби.
3. Таҳлили обзори.

Албатта, дар байни таҳлил фарқи калон мавжуд нест. Онҳо баъзан хусусиятҳои якдигарро доранд, вале бо баробари ин, онҳоро аз ҳам фарқ кардан лозим аст.

Баъзан сухани мураттибон ва муаллифони (асар) китобҳои дарси чунон душворанд, ки хонандагон, ҳатто муаллимон душвориҳо мекашанд. Агар хонанда ё муаллим таърих ва фанни жуғрофияро нағз аз худ карда бошад, ин масъала ба осони ҳал мегардад. Чунки барои шарҳу маънидоди порчаҳои назми, ҳикояҳо ва абёти адибони классик аҳамияти муҳим дорад. Дар сурати надонистани шаҳру ноҳия, баҳру дарё мазмун ва маънии порча ба хонанда норавшан мемонад. Дар «Гулистон» – и Саъдии Шерози як ҳикояе бо номи «Бозаргон» аварда шудаст.

Бозаргонеро дидам, ки саду панжоҳ шутур бор дошт ва чиҳил бандаву хизматгор. Шабе дар жазираи Кеш маро ба ҳужраи худ даровард…

Хонандагон дар ин асар ба номҳое дучор мешаванд, онро нашунидаанд, омӯзгор бояд аз харитаи сиёси ва харитаи дунёи қадим, асрҳои миёна истифода барад, дар як қоғази картони калимаҳоро нависад.

Бозаргон – савдогар. Чин- Хитой, Рум-Византия, Дебо – Ҳарир, Ҳалаб – Шаҳрест дар Сурия Баъд аз ҳар як калимаро шарҳ додан, баъзе мамалакатҳое, ки номашон имрӯз дигар шудааст фаҳмонда, ба хонандагон ҳаматарафа бо синонимҳояш ва антонимҳояш фаҳмондан лозим аст.

Таҳлили луғавии матн барои бой гардондани захираи луғавии шогирдон ва малакаю маҳорат ҳосил кардани шогирдон аҳмияти калон дорад.

***МАВЗЎЪ:*** **Талабҳои ДТС. Таҳлили илми-методикии дастури забони тожики.(2 соат)**

***Мақсади маърўза:***

А) бо муваффақият ва навигариҳои забони тожики, ки дар давраи солҳои мустакили соҳиб шуд, шинос намудан;
В) тағиротҳои китоби дарси, қоидаҳои имлои нави забони тожикиро омухтан;
С) матнҳое, ки барои ижрои машқҳо дода шудааст миллиги, руҳи милли доранд, дарк намудан;
Д) ғамхориҳои президентамон ба мактабҳои тожики дар кадам манбаъҳо асоснок шудааст, донистан.

**Р е ж а :**

1. Ғамхориҳои ҳукумати жумҳурият ба забони тожики.
2. Худи офаридгор гили ўзбеку тожикро аз як жо сириштааст.
3. Мақсад аз таълими забони тожики дар мактаб.
4. Аҳамияти матнҳое, ки барои ижрои машқҳо пешниҳод шудааст.

***Натижаҳои интизоршуда:***

Дигаргуниҳое, ки дар солҳои мустақили дар соҳаи забони тожики ба вужуд омадааст омўхтан.
ғамхориҳои президентамон дар қатори забонҳои дигари жумҳурият ба забони тажики.
Бо талабҳои стандарти давлати шинос шудан ва донистан.

Забони тожики дар қаламрави Жумҳурияти Ўзбекистон забони яке аз халқҳои таҳжои ва асосии ин сарзамин – забои халқи тожик ба шумор меравад. Ҳукуматамон дар қатори забонҳои дигари жумҳурият дар қатори забонҳои дигар миллат ва халқиётҳое, ки сокини ин сарзаминанд, барои пешрафт ва тараққиёти забони тожики муттасилан ғамхори менамоянд, дар роҳи ҳимоя ва таъмини муносабати эҳтиромона ба он қонунан кафолат медиҳад. Ин нуқта дар Қонуни асосии жумҳурият ба ин маъни матроҳ шудааст «Забони давлатии Ўзбекистон забони ўзбеки аст. Жумҳурияти Ўзбекистон эҳтироми забон, урфу одат ва анъанаҳои тамоми миллат ва халқиятҳоро, ки дар ҳудуди вай зиндаги мекунанд, таъмин намуда, барои рушду ривожи онҳо шароит муҳайё мекунад» .

*(Конс.Ўзб. 1992 соҳ.9)*

Намояндагони миллатҳои дигаре, ки дар замини Ўзбекисон ҳаёт ба сар мебаранд, аз як тараф қисми таркибии аҳолии он ҳисоб меёбанд. Бинобар ин, риояти тартибу интизом ва қоидаву қонунҳое, ки дар ин мамлакат жорист, барои ҳар яке онҳо фарз аст. Онҳо бояд бо меҳнати ҳалол, саъю кўшиши доими дар роҳи ривожи минбаьдан иқтисодиёт, фарҳанг ва маънавияти он пайгирона ҳиссагузори кунанд. Намояндагони ҳар миллат, аз жумла тожикон, бояд дар хотир дошта бошанд, ки Ўзбекистон Ватани азизи онҳост. Ҳимояи ин Ватан, саҳмгузори барои ривожу равнақи модди ва маънавии он вазифаи дигар, тожикони Ўзбекистон ҳиссаи миллате мебошанд, ки берун аз хоки ин кишвар

давлати алоҳида ва жумҳурияти мустақил даранд. Ин халқ халқи тожик ва ин жумҳурият жумҳурияти озод ва комилҳуқуқи Тожикистон ба шумор меравад. Ва тожикони Ўзбекисон ба халқу миллати худ аз рӯи решаҳои таърихи, урфу одат, суннатҳои мадани ва забон абадан вобастаанд. Ин ҳама онҳоро водар месозад, ки асли хешро нигоҳ доранд, барои ҳифзи покизаги ва равнақи забони модари ва анъаноҳои миллин худ пайваста кўшиш ва жадал намоянд.

Муносабатҳои бародарона, дўстии бемисл, пайванди ширию хуни, ки дар байни ду халқи ба ҳам маҳбуб – халқи тожик ва ўзбек дар давоми асрҳои зиёд ба амал омадааст, барои таъмини ин ҳадаф комилан мусоидат хоҳад кард. Гуфтаҳои зерини президенти Ўзбекистон, муҳтарам И.А.Каримов роҳнамо ва илҳомбахши мардуми мо дар роҳи ижрои ин вазифаҳои гили ўзбеку тожикро аз як жо сириштааст.

Ҳазорҳо сол халқҳоямон бо ҳам ҳамхупу ҳампаҳлу, қудову қудоанда гардида, бори қарнҳоро якжоя кашида, ояндаро ҳамроҳ месозанд. Мо аз як дарё об нўшида, дар як саҳро кишт мекунем. Бозор ва мазорамон як аст. Ҳам аз симоямон ва ҳам аз жисмамон моро ҳеч кас фарқ карда наметаванд… ҳар кадом аз марҳилаҳои таърихи бостониамонро биомўзем, барои тасдиқи қаробати халқҳоямон далелҳои бисёре пайдо мекунем.

Дар навбати аввал ин ягонагии дини ҳар ду халқ - исломи муқаддас ва муштаракоти таърихи ва беназирии фарҳангҳоямон мебошад. Ва аждодоне, ки дар як замин умр ба сар бурда аз як чашма об нўшидаанд, барои мо мероси бузург гузоштаанд». (Рўзномаи «Овози тожик» 1 7.с.1998).

«Дар жумҳурияти Ўзбекистон дар ҳаққи забони жамъи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар қаламрави он зиндаги доранд, муносабати эҳтиромона таъмин ёфта, барои ривожу равнақи ин забонҳо шароит муҳайё карда мешаванд».

*(Қонуни нави Ўзбекистон, Тошканд 1996 с. қисми 2 моддаи 4)*

Мақсад аз таълими забони тожики-модари дар мактаб чунин аст: омўзонидани муҳимтарин қоида ва қонуниятҳои ин фан малака дар онҳо барои амалан истифода карда тавонистани ин қоида ва қонуниятҳо дар нутқи хатти ва гуфтори.

Тамомкунандагони мактаби миёна бояд зарурат ва аҳамияти забонро дар жомеъа дуруст дарк намояд, аз меъёрҳои жории забони адаби огоҳ бошанд, маҳал ва мавриди корбурди воситаҳои забонро донанд, аз имкониятҳои истифода он бошуурона ва огоҳона истифода баранд. Дуруст, равшан ва бамантиқ гап задан ва навштан бояд аввалин ва асоситарин шарти маънавият ва саводнокии онҳо бошад.

Стандарти давлатии таълим оид ба забони модари (синфи 5).

1. **Санъати хониш**

Нишондоди миқдори: дар як дақиқа 80-90 калима хонда тавонистан.

***Талаб***: хондан дар асоси қоидаҳои орфоэпия

***Характери матн***: насри бадей, эжодиёти шифоҳии соддаю равон.

***2. Маҳорати фикрбаёнкуни:*** сохтани матн иборат аз 9-10 жумла.

***Талаб:*** аз жиҳати мазмун давомнокии жумлаҳо, дуруст гузоштани аломатҳои китобат, аз калимаҳои ҳаммаъно ва ҳамреша дуруст истифода бурдани воситаҳои тасвир калимаҳои синоними антоними, сохтани режаи матн.

***Характери матн:*** дар барои хона, аҳли оила, зодгоҳ, манзараҳои табиат, асарҳои хондашуда, кинофилмҳо.

**3.Дониши назари:** Доир ба фонетика: пайдоиш, таснифот, табдили овозҳо, алифбо, ҳижо, хат ва пайдоиши он; хелҳои луғат, истифода аз он, хусусиятҳои марфологии исм, сифат, феъл Навиштани забонхат, ариза, табрикнома, пур кардани рӯи лифофа.

**Синфи 6.**

1. **Санъати хониш**

Нишондоди миқдори: дар як дақиқа хонда тавонистан.90-100 калима

***Талаб***: хондан дар асоси қоидаҳои орфоэпия

***Характери матн***: матни бадей ё публитсисти.

***2. Маҳорати фикрбаёнкуни:*** Нишондоди миқдори: сохтани матн иборат аз 10-12 жумла.

***Талаб:*** истифода аз ибораҳои рехта, суханҳои ҳикматнок, мақолҳо, дуруст кор фармудани шахсу шумора, бамаврид истифода бурдан аз воситаҳои ифода.

***Характери матн:*** иншои эжоди, баён, мақолаю хабарҳои хурд, мактуб, тавсифнома, таржумаи ҳол, тасвири макон;

**3.Дониши назари:** маънои асли ва мажози, якмаъноги ва сермаъноги ва таркиби калима, калимаҳои умумихалқи, шеваги, касбу ҳунар, нав ва кӯҳна; луғат ва хелҳои он, ибораҳои устувор, калимасози ва роҳҳои он, донистани категорияҳо, хелҳо, сохт, намуд ва имлои исм, сифат, шумора, жонишин, феъл.

**Амали 4 соат.**

***Мақсад***: аз жиҳати илми ва методики таҳлил кардани дастури таълими ва мувофиқати он бо китобҳои дарсиро таҳлил кардан. Донистани талабҳои стандарти давлати.

**Р е ж а :**

1. Таҳлили дастури таълими.
2. Дида баромадани китобҳои дарсии синфҳои 5-11.
3. Сифатҳои китобҳои дарси дар бораи қисмҳои назари маълумот додан.
4. Камбудиҳои дастури таълимиро бартараф намудан.

## ***МАВЗӮЪ:*** Таълими масъалаҳои адабиёти классики.

***Мақсад:*** Дар асоси технологияи нави педагоги шиносо намудани шунавандагон ба саҳифаҳои рӯзгори вакилони адабиёти классикии тожик. Қобилияти фикрии шунавандагонро баланд бардоштан, бой гардонидани захираи луғавии шунавандагон.

***Аённоки:*** Таблитсаҳо, филмҳо доир ба адибони классикии тожик.

**Режа:**

1. Роҳҳои нави омӯхтани ҳаёт ва эжодиёти вакилони адабиёти классикии тожик.
2. Дар вақти хонондани асарҳои адабиёти классики эътибор додан ба масъалаҳои матн ва луғат.

Адабиёт санъати суханвари буда, ҳаёт ва воқеиятро ба воситаи образҳои бадей меомӯзад ва фарқи он аз намудҳои дигари санъат ҳам дар ҳамин аст.

Адабиёт илми одамшиноси аст ва пеш аз ҳама, бо тасвири ҳаёти инсон, хусусият ва ахлоқу одоби ӯ, рафтору кирдораш сарукор дорад.

Адабиёт бо тасвири инсон ва олами ботинии ӯ ба тарбияи ҳамачонибаи аъзои жамъият,нигаҳдошти ҳофизаи таърихии халқ ва пешрафти ҳаёти ижтимоии ӯ ёри мерасонад. Аз ин жиҳат,ғояи эстетики ва таъсирбахшоии адабиёт пурқувват мебошад. Беҳтарин асарҳои адабиёт зебоии эстетики доранд ва ба ахлоқу адоби хонанда таъсири муфид мерасонанд,ба ӯ хислатҳои ҳаёт дӯсти, ватанхоҳи ва поквиждониро талқин медоранд, меҳру муҳаббаташро ба зиндаги, ба инсону қаҳрамонии вай боло мебардоранд. Мутолиаи шеърҳои Рӯдаки,Фирдавси,Саьдию Ҳофиз ва Чоми ба даражае шавқбахшу меҳрпарваранд, ки кас аз онҳо чашму дил намеканад.

Дар замони ҳозира вазифа ва масъулуяти фанни адабиёт боз ҳам зиёдтар гардид. Дар шароити ҳазира, ки ҳажми дониши барои инсон зарури қатъиян ва тез зиёд шуда истодааст, асосан ба ҳазм кардани мажмӯаи муайяни фактҳо умед бастан нест. Дар ин соҳаҳои таълими муаллимонро беҳтар кардан, ҳам усулҳои таълимро ба талабҳои ҳаёт мувофиқ кунонидан, ҳам мактабро бо китобҳои дарсии таълими ҳозираамон, аз жумла, бо асбобҳои аёни таъмин намудан лозим аст. Аз ин рӯ, такмил додани сохт ва мундарижаи программаҳо, китобҳои дарсии адабиёт вазифаи муҳими таьхир нопазири рӯз дониста шудааст.

Маҳс ба воситаи фанни адабиёт олами маънавии инсон тарбия карда мешавад. Бояд ҳар як дарси мо бо ҳамин мақсад нигаронда шавад.

Дарсҳое, ки ба таржимаи ҳоли нависанда бахшида мешаванд, хонандагонро ба саҳифаҳои ҳаёти одамони нажиб: бузургони илму адаб, саромадони фарҳангу маданияти инсони шинос менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши таржимаи ҳоли нависанда рӯҳи худшиноси ва эҳсос ва ифтихори миллии хонандагонро рӯ ба бедори меоварад. Дар методикаи таълими адабиёти тожик доир ба омӯзиши таржимаи ҳоли нависандагон методистон М.Қозижонов, А.Ваҳобов, А.Аминов, Ғ.Мирзаев, Т.Мирзаев ва чанде дигарон тавсияҳои судбахше додаанд.

Омӯзиши таржимаи ҳоли нависанда чанд марҳилаи омӯзиш дорад. Пеш аз омӯзиши таржимаи ҳоли нависанда муаллим бояд андешад, ки дар дарс ба хонанда доир ба нависанда чет гӯяд, кадом маводро пешкаш гардонд, бештар ба кадом жиҳатҳои ҳаёти ӯ эътибор диҳад, кадом тарзи усулҳоро истифода намояд, ки омӯзандагон ба нависанда ҳамчун шахси азизу мӯътабар ва халложи маони шинос шаванд. Дар ин марҳила омӯзгор бояд шахсияти нависандаро хуб омӯзад. Яъне шунавандагон Рӯдакию Айниро ҳамчун сардафтари адабиёти тожик, Фирдавсиро пайғамбари достонсароён, Синоюю Хайёмро олим, табиб, файласуф, шоир, Саъдиро муаллими панду-ахлоқ, Ҳофизро худованди иқлими сухан, Турсунзодаро вассофи сулҳу амният ва дӯсти шинохта тавонанд.

Барои омӯзонидани таржумаи ҳоли нависанда сарчашмаҳои асосии ҳаёту эжодиёти адиброт донем ва онҳоро эжодкорона истифода намоем. Ин сарчашмаҳо асосан инҳоанд:

А) эжодиёти нависанда;

Б) монографияҳо;

В) тазкираҳо;

Г) асарҳои бадеи;

Д) дар экран нишон додани филмҳои таълими оид ба ҳаёти нависандагон.

Дар синфҳои боло таълими таржумаи ҳоли адибон қариб якнавохт аст. Зеро дар барнома ва китобҳои дарси доир ба ин масъала мавод як хел дода

шудааст. Яъне таржумаи ҳоли устод Рудаки, Фирдавси, Саъди, Ҳофиз, Бедил, Дониш , устод Айни, Лоҳути ва дигарон аз чиҳати сохту композитсия чунон монанданд, ки агар факту рақамҳои конкрети як адибро гирифта ба таржумаи ҳоли дигараш монеи касе пай набурданаш мумкин аст. Ҳангоми гизаштани таржимаи ҳол ва эжодиёти шоиру нависандагон аз жадвалҳои синхронологи истифода бурда мешавад.

**Намуна:**

| Ҳаёт ва эжодиёти Амир Хусрави Деҳлави | |
|---|---|
| Сана | Ҳаёти шоир |
| 1253 | Таваллуди шоир. |
| 1273 | Хизмат дар дарбор. Мураттаб гардидани аввалин девони шоир. |
| 1285 | Ба дасти муғулҳо асир афтидани шоир. |
| 1299 | Вафоти модар ва бародари шоир. |
| 1299-1301 | Таълифи «Хамса» |
| 1325 | Вафоти шоир. |

**Ин жадвалро чунин ба нақша гирифтан жоиз аст.**

| Сана | Рўйдотҳои таърихи ва фарҳанги | Саҳифаҳои ҳаёти шоир |
|---|---|---|

Мувофиқи талабҳои имрўзаи ДТС омўзгори имрўза дарсҳои нави ба ҳаёту эжодиёти нависадагон бахшида мешудагиро бо иштироки фаъоли худи хонандагон гузарад, ин гуна дарсҳо дар хотираи хонандагон дурударoз нақш мебандад.

Ҳангоми омўзонидани ҳаёт ва эжодиёти нависандагон аз намудоҳои гуногуни интерфаол истифода мебарем.




Хонанда ва шунаванда ҳар як навиштажоти худро шарҳ доданаш лозим аст. Масалан: А.Фирдавси соли 934 таваллуд ёфтааст.

Асари бодеи мутобеқи Укёнусеет, ки ба қавли Шайх Саъди на ҳар ғаввос аз он дурри гаронмоя ба каф оварад.

Ғаввос, агар андеша кунад коми наҳанг,

Ҳаргиз накунад дурри гаронмоя ба каф оварад адаби Асари адаби ба хонанда чун осори санъати каломи бадеъ, санъати сухан, санъати равон ва жону тан, моҳияти ҳастию вужуди инсон бояд қабул ва фаҳмида шавад. Барои таҳлили матнҳои адаби, дар баробари мазмун ва ғояи асар, савоб аст, ки жиҳати услуб, забон ва тарзи баён низ муддате таваққуф намоем. Масалан, ҳангоми омўзонидани достони «Хайр ва Шар» и Низомии Ганжави дар хонанда ҳиссиёти хайрандеши ва накўкори инсондўсти ва софдилию покнияти падидор мегардад. Яке аз мақсадҳои асосии дарс дар лавҳи хотир овардани характери матн аст. Баъзе асарҳое ҳастанд, ки ҳажман бузург набуда, имконияти дар синф комилан хонда таҳлил карданро доранд. Масалан, «Водии Ҳисор»-и М.Турсунзода,

ҳикоятҳо… Шаклу намудҳои таҳлилро дар методикаи таълим шартан ба навъҳо жудо намудаанд: якум – таҳлили ҳаматарафаи матн, дуввум-таҳлили интихоби; севвум – таҳлили обзори,

Ҳангоми таҳлили матн бошад, қисматҳое ба таҳлил гирифта мешаванд, ки моҳияти асосии асарро ба хонанда пешкаш намояд ва саволҳою супоришоти гузаштани омўзгор низ ба ҳамин мақсад равона карда мешавад.

Бояд гуфт, ки таҳлил дар кадом шакле, ки сурат гирад, хонандаро ба як роҳ бояд жалб созад. Баъзан таҳлил аз рўи ин ё он асар шояд на дар шакли анъанавию муқаррари, балки саравввал аз ба ижро расонидани ягон супориш ва амали эчоди оғоз ёбад.Баьзан нахустнамоиши  намоишномае аз рўи ин ё он асар ва ғайра. Чунин намудҳои таҳлил барои  инкишофу такомулоти фаъолияти эжодии хонандагон, барои ба танзим даровардани диди онҳо ба ин ё он образ аҳамияти муҳим дорад.

Масалан, ҳангоми таҳлили ҳикояи «Ҳикмати дўсти» - и Ҳусайн Воизи Кошифи мазмуни ҳикояро пеш аз ҳама ба хонандагон расонда, баъд таърихи хониши ифоданоки порчаҳои ҳикматомези он нақли мазмуни ба роҳ монда мешавад. Дар охир аз рўи мазмуни ҳикоят савол ва супоришҳо дода мешавад.

А) тасвири табиат ва мушоҳидаи зоғ.

Б) дар банд афтодани Мутаввақҡа бо ёрон.

В) дасти мададгори дўст.

Барои сабук намудани душвори ва мушкилиҳои таҳлили матн тартиб додани дафтари луғат бисёр хуб аст. Барои инкишоф додани нутқи даҳони ва хаттии хонандагон захираи луғавии онҳоро бояд ғани гардондан лозим аст.

Ҳангоми таҳлили ягон порчаи насри ва ё назми (матн) хонанда калима, ибораи нафаҳмидаашро ба дафтари луғаташ ботартиб нависад. Ин калимаҳо  бо ёрии муаллим бо мисолу далелҳо шарҳу эзоҳ дода шавад, нур болои нур мешавад.

Чуноне ки Саъдии  Шерози мефармояд:

Ҳар кас бо забони худ сухандон гардад,
Донистани сад забон осон гардад.

**Тестҳо:**

1. Рўдаки ва Айни кист?

А) шоирон

Б) сардафтарони адабиёти тожик

В) асосгузори китоби дарси

Г) асосгузори қасида.

2. Пайғамбари достонсарои кист?

А) А.Сино

Б)А.Фирдавси

В) А.Рўдаки

Г) Саъди

3. Шоир, табиб файласуфҳоро ёбед?

А) Саъдию Ҳофиз

Б) Рўдакию  Ҳофиз

В) Синою Хайём

Г) Фирдавсию Саъди

4. Вассофи сулҳу амният кист?
А) Айни
Б) М.Қаноат
В) Лоиқ
Г) Турсунзода

## ***<u>МАВЗӮЪ:</u> Таълими адабиёти ибтидои асри XX***

*(2 соат)*

***Мақсад***: Дар бораи адабиёти ибтидои асри XX маълумот додан, бо намаёндагони машхури ин давр шинос шудан, ғояҳои пешқадамонаи онҳоро нишон додан, дар бораи адабиёти жадид ва намоёндагони он маълумот додан, аҳамияти адабиёти ин давр.

***Интизории натижаҳо:***

- бо ҳаёту эжодиёти вакилони асри XX аз наздик шинос шудан;
- дар мактабҳо кадом вакилони адабиёти асри XX бояд таълим дода шавад, донистан;
- жадидизм чист? Бо адабиёти жадиди шинос шудан ва омӯхтан.

***Ашёи айёни:*** Мажалла, рӯзнома, китоб, суратҳои шоирони ин давр, адабиётҳои илми.

**Р е ж а :**

1. Вакилони адабиёти асри XX.
2. Таълими эжодиёти онҳо дар мактабҳо
3. Адабиёти жадид ва омӯзиши он.

Дар нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX дар ҳаёти сиёси, мадании мардумони Осиёи Миёна дигаргунии калон ба амал омад. Яъне Осиёи Миёнаро Россияи подшоҳи забт намуд. Бо ҳамин давлатҳои ин сарзамин мустақилияти худро гум карданд. Дигар, барои оммаҳои меҳнаткаш зулму истисмори дутарафа оғоз ёфт.

Ҳукумати подшоҳии Россия барои ривожу равнақи мактабу маориф, илму маданияти халқҳои Осиёи Миёна ҳавасманд набуд. Мардуми бесаводро идора намудан осон буд. Вале дар аввали асри XX як қатор шоир ва нависондагон баромаданд, ки онҳо ғояҳои пешқадамонаи худро пеш бурданд. Онҳо дар зери таъсири адабиёти маор парвори А.Дониш эжод намудан. Мо бо эжодиёти Саид Аҳмад Ажзи, Саидаҳмад Васли, Иброҳим Журат, Муҳаммадраҳим Тожи, Абдужалил Писанди, Мирзо Акрам Фикри, Нақибхон Туғролҳо шинос шавем мебинем, ки дар шаҳри Самарқанд онҳо муҳити адабиро бунёд намудаанд. Онҳо бо ду забон шеър мегуфтанд. Анъанаи адабиёти классикиро давом даданд. Дар эжодиёти анҳо ғояҳои нави пешқадам ифода карда шуда буд. Ин шоирон мактабҳои худро бунёд намуда бо усули нав ба фарзандони халқ таълим медоданд. Бесаводи ва дар зери жоҳолот зиндагони

кардани халқро дар шеърҳои худ борҳо гуфта гузашта буданд. Ин шоирон ободии мамлакатро, фаровонии халқро мехостанд. Халқро ба меҳнат кардан даъват менамуданд.

Мо дар шеъри Саид Адҳмад, Ажзи ин фикри худро дида метавонем. Шоир мегӯяд:

Ба сар чоҳе кан, обе каш зи баҳри манзилободи,
Хаёли осмонгарди макун, бош аз заминҳо.

Ин шоирон мактаб, илму маорифро дар шеърҳои худ талқин менамуданд. Дар бораи аҳамияти илму дониш С.Айни хем бисёр гуфта гузаштааст.

Бе жон жасадро қадре нобошад,
Жисм аст инсон, жон аст мактаб,
Аз мактаб ояд осоиши дил,
Марғуби дилҳо з-он аст мактаб

С.Айни бо ин шоирон шинос буд. Бо ҳамкори кор мекарданд. Ҳамаи жанрҳои адаби дар ин давра ривож ёфт. Ҳатто жанрҳои нав ,песаҳо навишта шуд. Мо инро дар эжодиёти Беҳбуди дида метавонем. Песаи «Падаркуш» маҳсули эжоди ҳамин давр мебошад, ки ҳатто бо саҳна гузошта шуда буд.

Дар мактабҳои миёна эжодиёти намояндагони ин давр омӯхта мешавад. Соатҳои хеле кам дода шудааст. Бо вужуди он хонандагон бо эжодиёти онҳо аз наздик шинос мебошанд. Хусусан ,достони «Миръоти ибрат» и Саидаҳмад Ажзи аҳамияти тарбияви дарад.

Дар ин достон ҳаёти халқ пинҳона ифода карда шудааст.

Мо адабиёти ин давраро омӯхта бо ғояҳои маорифпарваронаи шоирон шинос мешавем. Яке аз хусусияти баржастан адабиёти ин давр дар он аст, ки адабиёти тожику ӯзбек дар алоқаманди ривож ёфт. Онҳо барон инкишофи адабиёти ду халқ ҳиссаи худро гузоштанд.

Ҳамин тарз жараёни маорифпарвари давом ёфта буд.

Дар баробари жараёни маорифпарвари дар Осиёи Миёна боз жараёни жадиди пайдо шуд, ки ин жараён пас аз солҳои 1905-1907 дар Бухоро амалиёти худро сар кард. Жараёни жадидизм, баъзе жиҳатҳои пешқадамона дошт.

Намояндагони жараёни мазкур барои тағир дадани таълим шароит фароҳам овард. Усули таълимро то андозае дигар кардани шуд, то ки кишвар ободу халқ осудаю соҳибмаълумот гардад. Барои амали гардидани он ҳокиму амирони боадлу инсоф, хирадманду оқил бофазлу дониш лозим. Дар асарҳои бисёр шоиру нависандагон ғояҳои жадиди ифода карда шудааст.

Ақидаҳои пешқадам хеле пеш бурда шудааст. Барои омӯзиши адабиёти жадиди соатҳои хеле кам дода шудааст. Албатта, дар адабиёти жадиди баъзе фикрҳои ақибмонда мавжуд аст. Онро мо ба ҳисоб ногирифта, балқи тарафҳои пешқадамонаи онро ба хонандагон бояд фаҳмонем. Таърихро инкор карда нометавонем. Инчунун хонандагон дар бораи ин жараён низ маълумот гиранд. Мо ба пеш ҳаракат намуданро бояд омӯзем. Навигари дохил карданро омӯхта ба пеш равем. Вале набояд таърихро инкор намоем.

Ин шоир ва нависандагон дар асарҳои худ муҳаббати самимонаи инсонро мадҳ карда буданд.

Барои тарбияи хонандагон ғояҳои пешқадамро пеш бурдаанд.

Дар ин давр адабиёти тожик як зина боло баромад. Анъанаҳои классикиро давом дода онро бо ғаяҳои нави моорифпарвари бой гардонидааст.

Омӯхтани адабиёти ин давр дар мактабҳои миёна аҳамияти хеле калон дорад. Зеро, шоир ва нависандагони ин давр барои халқ, ободони ва фаровонии мамлакат хизмати калон кардааст Мо ҳаёт ва фоъолияти С.Айниро бо ҳамин адабиёт, бо ҳамин муҳит вобаста карданамон ҳам мумкин аст. Дар ин бора хизмати С.Айни ҳам хеле калон аст. Умуман, адабиёти ин давр аз жиҳати мазмун, мавзӯъ, ғояҳои пешқадам хеле бой аст. Барои инкишофи адабиёти мо замина тайёр намуда буданд, ки бояд хонандагон инро фаҳманд.

**Т е с т ҳ о:**

1. Шоир ва нависандагони пешқадам дар кадом шахр мухити адаби бунёд намуданд.
   А. Ҳирот Б. Бухоро
   В. Шаҳрисабз Г. Самарқанд

2. Вакилони адабиёти жадид халқро ба чи даъват мекарданд?
   А. ба мубориза Б. ба меҳнат кардан
   В. ба эжод кардан Г. ба хондан.

3. Махсули адабиёти ин давраро муайян кунед?
   А. драмаи «Падаркуш» Б. повести «Тори анкабут»
   В. повести «Ятим» Г. драмаи «Шӯриши Восеъ»

4. Аҳамияти адабиёти жадид?
   А. ободонии мамлакатро меомӯзанд. Б. мамлакати доракуниро
   В. шеърнависиро Г. дарк намудани ҳодисаҳоро

**Таълими масъалаҳои хониши ифоданок. Амали 2 соат**

***Мақсад***: Хонандагонро ба равону бурро, ифоданок қироат кардан омӯзонидан, донистани роҳ ва аҳамияти хониши ифоданок.

**Р е ж а:**

1. Рол ва аҳамияти хониши ифоданок.
2. Роли муаллим дар инкишофи нутқи даҳонии хонандагон.
3. Дарси амалии хониши ифоданокро гузаронидан.
4. Тарзи баҳрубайтро омӯзонидан.

**Адабиётҳои истифодабурдашуда.**


1. Т.Зеҳни «Санъати сухан» Душанбе – 1979 с
2. С.Шерози «Мунтахаби ғазалиёт» Д – 1977.
3. Ҳ.Шерози «Куллиёт» Нашриёти «Ирфон» Д-1983.
4. А.Навои «Девони фони» Қисми 1. Тошканд 1992.
5. А.Навои «Девони фони» Қисми 2. Тошканд 1992.
6. «Адабиёти тожик» китоб дарси синфи 10 Д-1990.


**Ташкили масъалаҳои хониши берун аз синфи аз фанни адабиёт. Амали 2 соат.**

***Мақсад***: Донишҳое, ки дар давоми дарсҳо гирифтаанд, дар амал санжидан, мустаҳкам намудани донишҳо, шавқу ҳаваси хонандагонро ба дарси адабиёт зиёд намудан.

**Режа:**

1. Истиқлол ва адабиёти тожик.
2. Ман ва конститутсия.
3. Одоб аз зар қиммат аст.
4. Фарзанди бахтиёри маҳаллаи ободам.

***МАВЗЎЪ:*** **Воситаҳои тасвири бадеи**

***Мақсад***: Дар бораи санъатҳои бадеи ба шунавандагони курс маълумот додан, роли воситаҳои тасвирро дар шеъру шоири нишон додан ва аҳамияти онҳоро фаҳманидан, аз эжодиёти шоирон ёфтани санъатҳои бадеи

***Аённоки***: Навиштажоти байтҳо, магнитафон.

**Р е ж а :**

1. Маълумоти умуми дар бораи санъатҳои бадей.
2. Тарзи истифодаи санъатҳои бадеи ташбеҳ, истиора, муболиға ва ташхису тавсиф.
3. Маълумот дар бораи санъатҳои тажнис ва сифатчини.

Дар асари адаби ба ғайр аз воситаҳои баён ва забон воситаҳои тасвири бадеи васеъ кор фармуда мешаванд. Масалан: тавсиф, ташбеҳ, мажоз, истиора, ташхис, муболиға, лутф, ҳажву, истеҳзо ва ғийра. Барои образнокии баён ва ба таври бадей ифода намудани идеяи асар воситаҳои тасвири бадей ба аҳамияти хеле бузург соҳибанд. Мо ин хел санъатҳои бадеиро бисёртар дар шеърҳо мушоҳида мекунем. Маънои луғавии «шеър» дарёфтан, донистан ва маърифати чизҳои нафис аст. Вале дар адабиётшиносии гузашта шеър каломи маънави ва воситаи барангехтани эҳсосоту жозибот дониста мешуд, яъне аз шунидани шеър ва хондани он осори хафаги ва ногувори, ё хушию хуррами ва ё жўшу хурўши (шоир) ҳосил мегардад.

*Ташбеҳ* - маънои монанд карданро дорад. Нависанда барои ровшантар тасвир кардани чизе гоҳо ягон хусусияти онро ба ягон хусусияти чизи дигар монанд мекунад. Ташбеҳ дар роҳи баржаста, равшан ва зебо ифода намудани ягон лавҳаи бадей хизмат мекунад. Касе ва ё чизе, ки ба касе ва чизе монанд карда мешавад, монандшаванда ё ташбеҳшаванда ном дорад.

Касе ва ё чизе, ки монандшавандаро ба худ монанд кардааст, монандкунанда ё ташбеҳкунанда номида мешавад. Калимае, ки дар монанд кардан ёри медиҳад, ёридаҳандаи монанди ё ки адоти ташбеҳ ном дорад.

Масалан: аз байти зерини Ҳусайн Воизи Кошифи ташбеҳашро муайян мекунем:

Анораш чун лаби дилдор хандон,
Ҳарифонро ҳарифи оби дандон.

Дар мисраи яхум ташбеҳ ҳаст: анор ба лаби ёр ташбеҳ дода шудааст.

Дар ин ташбеҳ анор – монандшаванда ва лаби ёр монандкунанда буда, чун ёридиҳандаи монандист. Дар ин чо анор аз сибаби хандон буданаш ба лаби ёр монанд шудааст.

*Истиора* - як намуди маҷоз буда, аслан аз ташбеҳ ҳосил мешавад. Истиораро ташбеҳи кӯтоҳшуда меноманд. Вале фарқи истиора аз ташбеҳ, ин аст, ки дар ҷумлаҳои истиоравӣ яке из унсурҳои истиори (ё истиорашаванда истиоракунанда ) зикр намеёбад.

Истиора ду хел мешавад: истиораи равшан ва истиораи пӯшида. Дар истиораи равшан фақат истиоракунанда зикр меёбад.

Бути нозанинам, маҳи меҳрубонам,
Чаро қаҳри аз ман? Балоят ба ҷонам…

Дар ин байт калимаҳои «бут» ва «маҳ» ба маънои маъшуқа омадааст. Ин калимаҳо дар асл истиорашаванда буда, айни замон ҳам истиоракунанда аст. Дар истиораи пӯшида баръакс, истиоракунанда зикр карда шавад.

Масалан: «Мо дар сари кӯҳ будем, офтоб механдид». Тулӯи офтоб ба хиндадани одам нисбат дода шудааст. Калимаи «офтоб» ҳисси истиоракунанда ви ҳам истиорашаванда мебошад.

Ба ҳамин тариқ, ибора ё калимаҳоеро, ки ба монандии байни ду чиз асос ёфта, маҷозан истифода бурда мешаванд, *истиора* номида мешавад.

*Ташхис* - ҳам яке аз санъатҳои бадей мебошад. Ташхис – маънои шинохтан ё шахсониданро дорад.

Дар истилоҳ ҳамин, ки дар назму насри бадей ба ашёю чизҳои беҷон, ҳодасаю табиат ё ба паррандаю ҳайвонот ҳиссу фикр ва нутқи одами нисбат дода мешавад. Эҷодкор эҳсоси худро бо воситаи ташхис, яъне бо ба забони ҳол овардани предмет ё воқеаҳои табиат ва ҳайвонот таъсирбахштар ифода мекунад.

Дар асарҳои классики намунаи ин гуна осор бисёр аст, ҳамчун «Калила ва Димна», «Тӯтинома», «Мантиқ-ут тайр»-и Аттор, «Ҳайвонотнома»-и Сайидо мисоланд.

Барои ташхис мисол аз Хайём:

Гул гуфт, ки: ман Юсуфи Мисри чаманам,
Ёқути гаронмояи пурзар даҳанам,
Гуфтам: чу ту Юсуфи, нишоне бинмой!
Гуфто, ки: ба хун ғарқ нигар пироҳанам.

Дар ин ҷо сухан аз забони гул гуфта шудааст.

Муболиға ҳам яке аз санъатҳои бадей буда, нависанда дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди тибий ва асли мебарояд, онро калонтар ё хурдтар карда нишон медиҳад, дар таъриф ба болотарин нуқта мебардорад ё ба пасттарин нуқта мефурорад. Муболиға ҳамчун воситаи муҳими тасвири бадей барои типи кунонидани воқеаҳои реалисти ёри мерасонад.

Муболиға дар фолклор мавқеи калон дорад. Махсусан, дар зарбумасалу мақолҳо муболиға дида мешавад. Масалан:

Мурдаи як шер сад рӯбаҳро сер мекунад,
Оби чашмам чун қатраи борон мерехт.
Агар сӯзан партоед ба замин намеғалтад,

Дар байти зерини Соиб ҳам муболиға кор фирмуда шудааст:

Зи интизори худумаш чунон гиристаам,
Зи ашки дидаи ман рӯи олам об гирифт.

*Тавсиф* – як воситаи тасвири бадей буда, дар адабиёти тоҷик васеъ кор фармуда мешавад. Нависанда бирои тасвир кардани ягон воқеа, касе, ё чизе гоҳо сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он касе ё чизеро хеле барҷаста нишон медиҳад.

Ҳамин гуна муайянкунандаи бадей, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд, тавсиф номида мешавад.

Масалан: сифатҳое, ки дар байтҳои зерини Ҳилоли омадаанд, хислатҳои асосии предмети тасвиршавандаро тавсиф кардаанд:

Эй модари меҳрубон, чи карди?
Бо ошиқи нотавон чи карди…
Дар оташи жонгудозам имрӯз
Ё раб, чи кунам, чи созам имрӯз?

*Тажнис* – ҳам яке аз воситаҳои тасвири бадей буда дар эжодиёти шоирон хеле васеъ кор фармуда мешавад. Дар забони тожики калимаҳое дучор меоянд, ки таркиби овозиашон яххела буда, дорои ду ва ё зиёда аз ду маънои мустақил ва ё мажозии ба ҳам наздиканд. Масалан: дар байти зерини Хусрави Деҳлави тажнис дида мешавад:

Тори зулфатро жудо машшота гар аз шона кард,
Дасти он машшота мебояд жудо аз шона кард.

Дар ин байт калимаи «шона» дар мисраи якум ба маънои асбобе, ки мӯйро ба тартиб моварад омадааст. Дар мисраи дуюм ба маънои «шонаи одам», тахтапушти одам омадааст.

*Сифатчини* – ин санъати бадеиро мо бисёртар дар ғазалҳои шоирони классики мушоҳида мекунем. Барои тавсиф ва тасвири касе ё чизе ба таври болобардори ва ё бо роҳи сарзаниш сифатҳои муносиб барои як мавсуф қатор чида мешавад, ки ифодаро қувват медиҳад. Сифатчини бештар дар байт, гоҳо ду- се байт ва ҳатто дар тамоми ғазал омаданаш мумкин.

Мисол аз Ҳофиз:

1. Ширинлабе, шакардаҳоне, сарвқомате,
   Кӯтаҳ кунам ҳадис – ба хуби қиёмате…

2. Дилам рабудаи лӯливашест шӯрангез,
   Дурӯғваъдаву қаттолвазъу рангомез…
   Мақсад аз омӯхтани санъатҳои бадей он аст,ки хонандагон агар ин санъатҳои бадеиро донанд, мазмуни шеъру асарҳоро хуб мефаҳманд.

## ***<u>МАВЗӮЪ</u>*: Вазни арӯз**

***Мақсад:*** Дар барои вазни арӯз ба шунавандагони курс маълумот додан, мавзуну хушоҳанг қироат кардани ғазалҳои шоирони адабиёти классикии форсу тожикро машқ кардан, ба порчаҳои тараннуми ва ҳижоҳои дарозу кӯтоҳ жудо кардани шеърҳоро машқ кардан.

***Аённоки:*** жадвалҳо доир ба вазнҳои шеър.

**Р е ж а :**

1. Назмишиноси ва вазифаҳои он.
2. Вазнҳои шеъри тожики:
   А) вазни ҳижо;
   Б) вазни арӯз.
3. Баҳрҳои аслии арӯзи тожики.
4. Баҳорҳои фаръии арӯзи тожики.

Назмшиноси як соҳаи адабиётшиноси буда, илмест, ки дар бораи қонуну қоидаҳои шеър баҳс мекунад. Назмшиноси шеърро аз нуқтаи назари қонуну қоидаҳои вазну қофия, санъатҳои бадей, жанрҳои шеъри меомӯзад. Назмшиноси ба 3 қисм жудо мешавад:

1. Илми арӯз
2. Илми қофия
3. Илми бадеъ

Доири илми назмшиноси як қатор асарҳо эжод шудаанд:

1. «Таржумон-ул-балоға»и Муҳаммади Родуёни (асри Х1)
2. «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот (асри Х11)
3. «Ал-мӯъжам»-и Шамси Қайси Рози. (асри Х111)
4. «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоуллоҳ Муҳаммади Ҳусайни (асриХУ)
5. «Рисолаи қофия»- и А.Жоми (асри ХУ)
6. «Мизон-ул-авзон»-и А.Навои (асри ХУ)
7. «Арӯз»-и Сайфии Бухорои (асли ХУ)
8. «Қофия дар назми тожик», «Арӯзи тожики», «Назарияи нави қофия»-и Баҳром Сирус.
9. «Санъати сухан»-и Т.Зеҳни.
10. «Назарияи адабиётшиноси»-и Р.Мусулмонқулов.

## **Вазнҳои шеъри тожики**.

Вазн аз хусусиятҳои асосию фарққунандаи шеър мебошад. Дар шеъри тожики асосан яке вазни ҳижо, дигаре вазни арӯз.

Вазни ҳижо аз қадимтарин вазни шеъри точик ба шумор меравад. Зеро ёдгориҳои қадимтарини то исломи, аз жумла, «Готҳо», суруди «Балхиён», «Ёдгори Зарирон», «Абуянбағи» дар асоси талаботи вазни ҳижо навишта шудаанд. Ин вазн дар эжодиёти даҳанакии халқ то ҳол истифода бурда мешавад. Хусусияти асосии шеъри ҳижои баробарии миқдори ҳижоҳо дар ҳар як байти шеър аст.

Бо-рон бо-рад ба ё-вон 7 ҳижо

А-лаф ша-вад ба го-вон 7 ҳижо.

Аммо дар шеъри арӯзи талабот дигар аст. Арӯз ба маънои «арз кардан» меояд. Яъне арӯз он аст, ки шеърро бар вай арз мекунанд,яъне менависанд. Ин вазн аз нимаи дуюми асри 1Х дар шеърамон жори шудааст.

Эжодкори арӯз олими асри 1Х-и араб Халил ибни Аҳмади Басри мебошад. Арӯзшиносони форс-тожик вазни арӯзро ба табиати забони тожики мувофиқ намудаанд, инчунин вазнҳои нав эжод кардаанд. Халил ибни Аҳмади Басри 15 баҳр эжод кардааст. Ҳамаги 19 баҳр аст. Аз 19 баҳр 3-тааш қариб, жадид ва мушокил эжодкардаи арӯзиёни ажам аст. Панж баҳр ба завқи шоирони тожик мувофиқат накардааст. Ҳамин тавр, дар шеъри тожики 14 навъи баҳр истифода бурда мешавад.

Дар вазни арӯз низ баробар омадани адади ҳижоҳо дар ҳар як байти шеър шарти асосист. Инчунин мувофиқатии дарозию кӯтоҳии ҳижоҳо дар ҳар як байти шеър ба эътибор гирифта мешавад. Ҳижоҳои забони тожикиро овозҳои садонок ва йотбарсарҳо ташкил медиҳанд: а, о, и, ӯ, у, э, е, ё, я, ю.

1. Садонокҳои кӯтоҳ: а, и, у, (я, ю)
2. Садонокҳои дароз: о, ӯ, э, (е, ё)

Шаш хели ҳижоҳо мавжуд аст:

1. Як садоноки кўтоҳ ва як ҳамсадо ё танҳо як садонаки кўтоҳ: ғу – (бор), би – (хон), а – (анор), и – (ро-да), ба – (ҳор)… V
2. ҲСд ё Сд: бо-бо, о(фоқ), бе-жо, но-ёб….-
3. Ҳ СкҲ: бад, сар,сир, бур-

4.ҲСдҲ: шод, бод, бўр, бел, кор, тир – V

5. ҲСкҲҲ: баст, шуст, паст, руст, чист – V

6.ҲСдҲҲ: дўст, дашт, корд, (не) – кўст….. – V

Эзоҳ: садоноки кўтоҳ аввалу ҳамсадо баъд оят (м: ид, ад) ҳижо дароз мешавад.

Ба порчаҳои тараннуми ва ҳижоҳои дарозу кўтоҳ жудо кардани як байти шеърро дар илми арўз тақтеъ меноманд, ҳар як порчаи таранnuми дохили байтро рукн мегўянд. Рукн пояи шеър аст. Аз такрори як рукн ё комбинатсияи рукнҳои гуногун як мисраи шеър ҳосил мешавад. Рукнҳо ду хел мешавад: рукнҳои асли ва зиҳофҳо.

| Номи рукн | тақтеъ | нақша | |
|---|---|---|---|
| 1. Мафойлун | ма-фо-й-лун | V--- | |
| 2. Фоилотун | фо-и-ло-тун | -V-- | |
| 3. Мустафъилун | мус-тафъ-и-лун | | --V- |
| 4. Фаўлун | фа-ў-лун | | V-- |
| 5. Фоилун | фо-и-лун | | -V- |
| 6. Мафъўлоту | мафъ-ў-ло-ту | ---V | |

Агар байт аз 8 рукн иборат бошад – мусамман, аз 6 рукн иборат бошад – мусаддас, аз 4 рукн иборат бошад – мураббаъ, аз ду рукн иборат бошад – мусанно номида мешавад.

Баҳрҳои солим:

1. Ҳазаж
2. Рамал
3. Ражаз
4. Мутақориб
5. Мутадорик

Баҳрҳои фаръи

1. Қариб
2. Чадид
3. Мушокил
4. Музореъ
5. Ҳафиф
6. Мужтасс
7. Сареъ
8. Мунсареъ
9. Муқтазаб

Баҳри ҳазаж ва зиҳофҳои он.

Маънии луғавии ҳазаж таранnуми ҳушоянда асту ба дили хонанда зуд роҳ меёбад. Рукни аслиаш: мафойлун. Зиҳоф ҳамчун истилоҳ кам кардану зиёд кардани миқдори ҳижоҳои кўтоҳу дарози рукнҳои асли ва ё тағйир додани мавқеи ҳижоҳои рукнҳои асли мебошад.

Бахри ҳазаж 12-то зиҳоф дорад:

1. Мақбуз V – V – мафоилун
2. Макфуф V - -V
3. Ахраб --V мафъӯлу
4. Ахрам ---мафъӯлун
5. Аштар -V- фоилун
6. Мусаббағ V—мафойлон
7. Маҳзуф V-- фаолӯн
8. Мақсур V-~ мафоил
9. Аҳтам V~ фаӯл
10. Мажбуб V- фаал
11. Абтар - фаъ
12. Азалл ~ фоъ

Дарахти дӯсти биншон, ки коми дил ба бор орад
Ниҳоли душмани баркан, ки ранжи бешумор орад.

Да-рах-ти дӯ-с-ти бин-шон, ки ко-ми дил ба бо-ро-рад
Ни-ҳо-ли душ-ма-ни бар-кан, ки ран-жи бе-шу-моро-рад.

V---V---V---V---
V---V---V---V---

Ҳазажи мусаммани солим.

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекориву нодони намонем. (С. Айнии)

Би-ё-ед, эй ра-фи-қон, дар-с хо-нем,
Ба бе-ко-ри-ву но-до-ни на-мо-нем. (С. Айни)

V---V---V---V--
V---V---V---V--

Дар он соат, ки дилгирам, кужои, мадари пирам,
Биё, бинмой тадбирам, ки дар гирдоби тақдирам. (Лоиқ)

Да-рон со-ат, ки дил-ги-рам, ку-жо-и, ма-да-ри пи-рам,
Би-ё, бин-мо-й тад-би-рам, ки дар гир-до-би тақ-ди-рам.

V---V---V---V---
V---V---V---V---

Ҳазажи мусаммани солим.

Ҳон, эй дили ибрат бин аз дида назар кун ҳон,
Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон. (Лоҳути)

Ҳон, эй ди-ли иб-рат би-наз ди-да на-зар кун хон,
Ай-во-ни Ма-до-ин-ро о-и-на-и иб-рат дон.

--VV-----VV--~
--VV-----VV---

Ҳазажи мусаммани ахраби мусаббағ.

## Баҳри рамал.

Рукнаш фоилотун –V--
Зиҳофҳояш:
1. Махбун фаилотун VV—
2. Макфуф фоилотун -V-V
3. Машкул фаилоту VV-V
4. Мушаъас мафъулун ---
5. Мусаббағ фоилотон -V-~
6. Мақсур фоилот -V~
7. Маҳзуф фоилун -V-
8.Махбуни Мақсур фаилон VV~
9. Махбуни Маҳзуф фаилун VV-
10. Аслам фаълун --
11. Аслами мусаббағ фаъ-лон -~
12. Марбӯъ фаал V-
13. Мажҳуф фаь -
14. Мажҳуфи мусаббағ фоъ ~

Одамият чист? Худро дур аз шарр доштан
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан. (Саъди)

О-да-ми-ят чист? Худ-ро дур аз шарр до-ш-тан
Хай-р хо-ҳи хал-қ бу-дан, нафъ-и бе-зар до-ш-тан.

-V---V---V---V-
-V---V---V---V-
Рамали мусаммани маҳзуф.

Маҳрухо бе меҳри мои
Лолаи гулчеҳри мои

Маҳ-ру-хо бе меҳ-ри мо-и
Ло-ла-и гул-чеҳ-ри мо-и.
-V---V--
-V---V--
Баҳри ражаз
Рукни аслиаш мустафъилун (--V-).
Зиҳофҳояш:
1. Махбун мафоилун V- V-
2. Матви муфтаилун - V V-
3. Мақтӯъ мафъӯлун ---
4. Музол мустафъилон -- V~
5. Махбуни музол мафоилон V- V~
6. Матвии музол муфтаъилон - V V~
7. Мураффал мустафъилотун - -V- -
8. Мутаввал мустафъилотон - - V - ~

Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони озари,

Ҳарчанд васфат мекунам дар ҳусн аз он зеботари (Х.Деҳлави)

Эй чеҳ-ра-и зе-бо-йи ту раш-ки бу-то-ни о-за-ри,
Ҳар-чан-д вас-фат ме-ку-нам дар ҳус-на зон зе-бо-та-ри
- - V- - - V - - - V- - - V –
- - V - - - V - - - V - - - - V –
Баҳри ражази мусаммани солим.

Мисоли дигар
Мутриби хушнаво бигу, тоза ба тоза нав ба нав,
Бодаи дилкушо бижӯ, тоза ба тоза нав ба нав.

Му-три-би хуш-на-во би-гу, то-за ба то-за нав ба нав,
Бо-да-йи дил-ку-шо би-жӯ, то-за ба то-за нав ба нав.
- V V – V – V - - V V – V – V -
- V V – V – V - - V V – V – V -
Ражази мусаммани матвии махбун
ёки
Дидам жамоле, абрӯҳилоле
Дар зери чашмаш бинҳода ҳоле (М.Турсунзода)

Ди-дам жа-мо-ли, аб-ро-ҳи-ло-ле
Дар зе-ри чаш-маш бин-ҳо-да хо-ле
- - V - - - - V - -
- - V - - - - V - -
Ражази мураббаи мураффал.
Баҳри мутақариб
Рукни аслиаш фаӯлун V - -
Зиҳофҳояш:

1. Махзуф фаал V –
2. Мақсур фаӯл V~
3. Мақбуз фаӯлу V – V
4. Асрам фаълу – V
5. Аслам фаълун - -
6. Абтар фаъ –
7. Аслами мусаббаъ фаълон - ~

Бути нозанинам маҳи меҳрибонам,
Чаро қаҳри аз ман? Балоят ба жонам (Лоҳути)

Бу-ти но-за-ни-нам ма-ҳи меҳ-ри-бо-нам,
Ча-ро қаҳ-ри аз ман? Ба-ло-ят ба жо-нам
V - - V - - V - - V - -
V - - V - - V - - V - -
Мутақориби мусаммани солим.

Мисоли дигар:
Пай афкандам аз назм кохе баланд
Ки аз боду борон наёбад газанд (Фирдавси)

Па-йаф-кан-дам аз наз-м ко-хе ба-ла-нд
Ки аз бо-ду бо-рон на-йо-бад га-занд
V - - V - - V - - V ~
V - - V - - V - - V ~
Мутақориби мусаммани мақсур.

Баҳри мутадорик
Рукни аслиаш фоилун – V –
1. Махбун фаилун V V –
2. Мақтӯъ фаълун - -
3. Махбуни мақтӯъ фаал V –

Ҳусну лутфи туро банда шуд меҳру маҳ
Хатту холи туро мушки Чин хоки раҳ (Сайфи Бухоро)

Ҳус-ну лут-фи ту-ро бан-да шуд меҳ-ру маҳ
Хат-ту хо-ли ту-ро муш-ки Чин хо-ки раҳ

- V - - V - - V - - V –
- V - - V - - V - - V –

Баҳри мутадорики мусаммани солим.
Мисоли дигар:
То кай моро дар ғам дори
То кай ори бар ман хори (Жоми)

То кай мо-ро дар ғам до-ри
То кай о-ри бар ман хо-ри.
- - - - - - - -
- - - - - - - -
мутрдорики мусаммани мақтӯъ.

**Бахрҳои фаръи.**
**Бахри қариб.**

Рукнҳои солимаш: мафойлун мафойлун фоилотун. Лекин дар ин шакл истеъмол намешавад.
Зиҳофоти мафоилун
1. Макфуф мафоилу V - - V
2. Ахраб мафъулу - - V
3. Мақбуз мафоилун V- V-
4. Ахрам мафъӯлун - - -

Зиҳофоти рукни фоилотун.
1. Мақсур фоилон - V ~
2. Маҳзуф фоилун - V –
3. Маслуф фоъ ~
То мулки жаҳонро мадор бошад
Фармондеҳи ӯ шаҳриёр бошад. (Анвари)
То мул-ки жа-ҳон-ро ма-дор бо-шад

Фар-мон-де-ҳи ӯ шаҳ-ри-ёр бо-шад.

- - V V - - V- V
- - V V - - V – V- -
Қариби мусаддаси ахраби макфуф.

Орад шарафи мардуми падид
Озоданажод аз дирамхарид.(Рудаки)

О-рад ша-ра-фи мар-ду-ми па-дид
О-зо-да-на-жод аз ди-рам-ха-рид.
- - V V - - V- V-
- - V V - - V – V-
баҳри қариби мусаддаси ахраби макфуфу маҳзуф.

**Бахри музореъ.**

Рукни солимаш: мафоилун фоилотун мафоилун фоилотун.
Аз аркони солимаш вазне ба миён намеояд.
Зиҳофоти мафоилун.

1. Макфуф мафоилу V- - V
2. Ахрам мафъулун - - -
3. Ахраб мафъулу - - V
4. Муханнаqи мақсур мафъӯл - -
5. Маҳзуф фаӯлун V - -
6. Мақбуз мафоилун V -V –
7. Абтар фаъ ____

Зиҳофоти фоилотун.

1. Макфуф фоилоту - V- V
2. Мақсур фоилон - V~
3. Маҳзуф фоилун - V –
4. Мусаббағ фоилиён - V V~
5. Маслух фоъ ~
7. Матмус фаъ -

Хоҳам ки сер бинам рӯи чу ёсаминаш,
Лек офат аст чашмаш метарсам аз каминаш.

Хо-ҳам ки сер би-нам рӯ-йи чу ё-са-ми-наш,
Лек о-фа-тас-т чаш-маш ме-тар-сам аз ка-ми-наш.
- - V- V- - - - V- V- -
- - V- V- - - - V- V- -
баҳри музореи мусаммани ахраб.

Дидор менамонву парҳез мекуни
Бозори хешу оташи мо тез мекуни. (Саъди)

Ди-дор ме-на-мо-н-ву пар-ҳез ме-ку-ни
Бо-зо-ри хе-шу о-та-ши мо те-з ме-ку-ни.
- - V – V- V V- - V - V-
- - V – V- V V- - V - V-

Баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф.
-     - V – V – V V - - V – V –

## Бахри мушокил

Рукнҳои аслиаш: Фоилотун мафойлун мафойлун.
Зиҳофи фоилотун: Макфуф фоилоту – V – V
Зиҳофоти мафойлун:
1. Макфуф мафойлун V - - V
2. Мақсур мафойл   V - ~

Эй нигори сияҳчашму сияҳмӯй,
Сарвқадди некӯрӯву некӯгӯй.

Эй ни-го-ри си-яҳ-чаш-му си-яҳ-мӯй,
Сар-в - қад-ди не-кӯ-рӯ-ву не-кӯ-гӯй.
- V - V V - - V V - ~
- V - V V - - V V - ~

Баҳри мушокили мусаддаси макфуфи мақсур.

## Бахри жадид

Рукнҳои солимаш: фоилотун фоилотун мустафъилун.
Зиҳофи фоилотун: махбун фаилотун V V - -
Зиҳофи мустафъилун: махбун мафоилун V- V –

Чу қадат гарчи санавбар кашад саре,
Набувад чун қади сарват санавбаре.

Чу қа-дат гар-чи са-нав-бар ка-шад са-ре,
На-бу-вад чун қа-ди сар-ват са-нав-ба-ре.
VV - - V V - -V – V-
VV - - V V - -V – V-

Баҳри жадиди мусаддаси махбун

## Бахри ҳафиф.

Рукнҳои солимаш:  фоилотун мустафъилун, фоилотун.
Зиҳофоти рукни фоилотун:
1. Махбун фоилотун                VV--
2. Махбуни маҳзуф фаилун  VV--
3. Аслам фаълун             __ __
4. Махбуни мақсур фаилон  VV - ~
5. Аслами мусаббағ фаълон   __~
6. Мушаъас мафъӯлун        ___ ____ ___
7. Мажҳуф фаъ              _______
8. Мажҳуфи мусаббағ фоъ    ~

Зиҳофи мустафъилун:
Махбун мафоилун    V-V-

Ба тамашои ин чаман дари мижгон дароз кун
Зи хумистони офият қадаҳе гиру ноз кун. (Бедил)

Ба та-мо-шо-йи ин ча-ман да-ри миж-гон да-роз кун
Зи ху-мис-то-ни о-фи-ят қа-да-ҳе ги-ру но-з кун.
V V - - V – V – VV - -V – V –
V V - - V - V – VV - - V – V –
Баҳри хафифи мусаммани махбун.

## Баҳри мужтасс

Рукнҳои солимаш мустафъилун, фоилотун
Зиҳофоти мустафъилун:

1. Махбун мафоилун V-V-
2. Марфӯъ фоилун -V-
3. Машкул мафоилу V-VV

Зиҳофати фоилотун:

1. Махбун фаилотун VV--
2. Машкул фаилоту VV-V
3. Махбуни мақсур фаилон VV~
4. Махбуни маҳзуф фаилун VV-
5. Аслам фаълун --
6. Аслами мусаббағ фаълон -~
7. Мушаъас мафъӯлун ---
8. Мажҳуф фаъ ___
9. Мажҳуфи мусаббағ фоъ ~

Биё ки зулфи кажу чашми сурмасо ин жост,
Нигоҳи гарму адоҳои дилрабо ин жост.

Би-йо ки зул-фи ка-жу чаш-ми сур-ма-со ин жост,
Ни-го-ҳи гар-му а-до-ҳо-йи дил-ра-бо ин жост.

V-V- VV—V-V--~

V-V- VV—V-V--~

Баҳри мужтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ.

## Бахри сареъ

Рукнҳои солимаш: мустафъилун мустафъилун, мафъӯлату.
Зиҳофоти мустафъилун.

1. Матви муфтаилун -VV-
2. Махбун мафоилун V-V-
3. Мақтӯъ мафъӯлун - - -
4. Махбул фаилатун VVV-

Зиҳофоти мафъӯлоту
1. Матвии мақсур фоилун -V-
2. Матвии мавқуф фоилун -V~
3. Махбуни матвии максуф фаилун VV-
4. Аҳазз (маҳзуз) фаълун - -

Бода надорам, ки ба соғар кунам,
Гиря кунам, то мижае тар кунам

Бо-да на-до-рам, ки ба со-ғар ку-нам,
Гир-йа ку-нам, то ми-жа-е тар ку-нам

-VV-- VV—V-

-VV- VV—V-
Баҳри сареи мусаддаси матвии мақсур.

### *Баҳри мунсареҳ*

Рукни солимаш: мустафъилун мафъӯлоту, мустафъилун.
Зиҳофоти мустафъилун:
1. Матвии муфтаилун - VV-
2. Махбун мафоилун V-V-
3. Мақтӯъ мафъӯлун - - -
4. Аҳазз фаълун - -
5. Аҳаззи мусаббағ фаълон - ~
6. Марфӯъ фоилун -V-
7. Мақтӯиъ мусаббағ мафъӯлон - - ~

Зиҳофати мафъӯлоту:
1. Махбун мафоилу V- -V
2. Махбуни мавқуф фаъӯлон V- ~
3. Махбуни мақсуф фаӯлун V- -
4. Матви фоилоту - V- V
5. Матвии мавқуф фоилон -V~
6. Матвии максуф фоилун - V-
7. Марфӯъ мафъӯлу - - V
8. Мареқӯъ фоъ ~
9. Манҳур фаъ -

Пушти дутои фалак рост шуд аз хуррами
То чу ту фарзанд зод модари айёмро. (Саъди)

Пуш-ти ду-то-йи фа-лак рос-т шу-даз хур-ра-ми
То чу ту фар-зан-д зо-д мо-да-ри ай-йо-м-ро.

-VV—V—VV—V-
-VV—V—VV—V-
Мунсареҳи мусаммани матвии максуф.

**Бахри муқтазаб**

Рукни солимаш: мафъӯлоту мустафъилун мустафъилун.
Зиҳофоти мафъӯлоту:
1. Матви фоилоту -V-V
2. Махбун мафоилу V--V
3. Марфӯъ мафъӯлу --V
Зиҳофоти мустафъилун:
1. Матви муфтаилун -VV-
2. Мақтӯъ мафъӯлун ---

Вақтро ғанимат дон он қадар ки битвони
Ҳосил аз ҳаёт эй жон як дам аст то дони. (Сайфи)

Вақ-т-ро ға-ни-мат дон он қа-дар ки бит-во-ни
Ҳо-си- лаз ҳа-ёт эй жон як да мас-т то до-ни. (Сайфи)

-V-V--- -V-V---
-V-V--- -V-V ---

Баҳри муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъ.

Муайян кардани ҳамаи хусусиятҳои арӯз, сайри таърихии он дар назми форсу тожик ва адабиёти муосир, осон кардани қоидаҳои асосии он вазифаи муҳимест, ки аҳамияти калони илмию амали дорад.

**Натижаҳои интизоршуда**:

- бо назмшиносии тожик, қонун ва қоидаҳои шеър шинос шудан;
- бо қисматҳои назмишиноси шинос шудан;
- вазнҳои шеъри тожикиро донистан;
- ба рукнҳо жудо карда тавонистани шеърҳо ва таҳлили онро донистан;
- бо баҳрҳои шеъри тожики шинос шудан.

**Тестҳо:**

1. Илме, ки дар бораи қоидаҳои шеър баҳс мекунад.
а) адабиётшиноси б) назмшиноси в) шеършиноси
г) ғазалшиноси

2.Дар шеъри точики чанд намуди вазн мавчуд?
а) ду намуд; б) се намуд;
в) як намуд; г) чор намуд.
3. Садонокҳои кӯтоҳро муайян кунед?
а) а, о, ӯ; б) о, у, а;
в) а, и, у,(я,ю); г) а, э, у.
4. Садонокҳои дарозро муайян кунед?
а) о, э, ӯ,(е, ё) ; б) ӯ, а, о;
в) о, э, у; г) ӯ, э, о.

5. Баҳрҳои солин чандто?
а) 4 то; б) 5 то; в) 3 то; г) 9 то.
6. Баҳрҳои фаръи чандто?
а) 9 то; б) 8 то; в) 12 то; г) 4 то.

## <u>МАВЗӮЪ</u>: *Жанрҳои адаби*

***Мақсад:*** Дар барои жанрҳои бадеи ба шунавандагони курс маълумот додан, истифодаи жанрҳо дар эжодиёти намояндагони адабиёти тожик. Маълумот дар бораи хусусиятҳои жанрҳои бадеи.

***Тажхҳизоти дарс:*** Намунаҳо аз жанрҳои бадеи.

***Нақшаи кор:***
1. Маълумот дар бораи жанрҳои бадеи.
2. Аз жанрҳои бадеи намунаҳо хондан.

Жанр калимаи франсави буда, маънояш намуд аст, лекин вазифаи он аз намуд хурдтар аст.

Жанрҳо ду хел мешавад: жанрҳои лирики ва эпики.

Жанрҳои эпики: латифа, масал, афсона, қисса, фелетон, повест ёддошт, роман.

Жанрҳои лирики ва лироэпики: ашулаю суруд, фардиёт, мустазод, ғазал, қитъа, рубои, маснави, мусаллас,мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусаббаъ, мутассаъ,муашшар, таржеъбанд, таркиббанд, қасида, достон.

Дар адабиёти форсу тожик аз асрҳои X сар карда, жанрҳои гуногуни назм – манзума, достон, қасоид, мутоибот, латоифот, рубоиёт, ғазалиёт, муқаттаот дар эжодиёти Рӯдаки, Дақиқи, Фирдавси, Унсури, Анвари, Хайём, Хисрав, Саъди, Ҳофиз, Камол, Зокони, Жоми, Сайидо, Бедил инкишоф ёфт.

Ба тариқи мисол баъзе жанрҳои бадеии адабиро дида мегузарем:

*Латифа* – ҳикояҳои хурди ҳазломез аст.

*Ҳикоя* – якчанд ҳодисаю воқеаро дар бар мегирад.

*Очерк* – асосан воқеаҳои ҳақиқии зиндагии, одамони зинда аз рӯи мушоҳидаҳои бевоситаи нависанда ба таври бадеи тажассум меёбанд.

*Повест* – маънои қисса ё ривоятро дошта, аз жиҳати ҳажм ва композитсияи худ байни ҳикоя ва роман меистад.

*Роман* – роҳҳои гуногуни ҳаёти шахс ва муносибатҳои мураккаби ӯ бо жамъият ва одамон тасвир меёбад. Роман ҳамеша зиддияти тезутунди намояндагони синфҳо ва табақаю тоифаҳои гуногуни жамъиятиро фаро мегирад.

*Лирика* – баъд аз эпос, жинси дуюми адаби мебошад. Асарҳои лирики асосан бо назм эжод мегарданд. Мазмуни асари лирики фақат ба воситаи жамъбаст ва хулосаҳо аз ҳудуди олами ботинии шоир берун омада, зимнан ифодаи ҳиссиёти характерноки одамони муҳити муайяни ҳаёт мешавад.

*Мустазод* – шеърерo, ки аз жиҳати сохт пас аз ҳар як мисраи комил ё байте боз як ё ду фикраи мавзун, яъне ним мисраи иловагии бо он ҳамоҳанг ва ҳамқофия дорад.

*Маснави* – шеърест, ки ҳар байташ ҳамвазн ва ҳамқофия аст: Маснави ин достон мебошад: «Хисрав ва Ширин», «Лайли ва Мажнун».

*Мусаллас* – шакли шеърие, ки таркиби ҳар бандаш аз се мисраъ иборат аст, «Обшор»-и М. Қаноат, «Миҳани ма»-и А. Лоҳути: схемааш: аба, вгв, гдг…

*Мурабба* – шеърест аз якчанд банд, ки ҳар банди он аз чаҳор мисраъ иборат мебошад «Ба посбони ганжинаҳо»-и М.Раҳими схемааш: абаб, вгва…

*Рубои* – шеърест, ки аз чор мисраи баробарвазну баробароҳанг иборат буда, дар он фикри пурра ва конкрет баён гардидааст: Рӯдаки, Дақиқи, Шаҳиди Балхи, Сино, Умари Хайём, Ҳофиз, Мушфиқи: схемаи рубоиҳои Рӯдаки: аааа, ааба…

Ба он ки дилам аз ғаму ҳажрат хун аст.
Шоди ба ғами туам зи ғам афзун аст,
Андеша кунам ҳар шабу гӯям: «Ё раб»,
Ҳижрон-ш чунии аст, висолаш чун аст?»

*Мухаммас* – шеъре, ки ҳар банди он аз панж мисраъ иборат буда, дар банди якум ҳамаи мисраъҳо бо як таркиби қофия (ааааа) сохта мешавад ва дар бандҳои дигар чор мисраи аввал алоҳидаю мисраи панжумаш ба мисраи якуми банди аввал ҳамқофия аст (бббба, вввва).

*Мусаддас* – шеъре, ки таркиби ҳар бандаш аз шаш мисраъ иборат аст.

Схемааш: аааааа,ббббба, вввввa….

*Қитъа* - қиссае аз ғазал ё қасида аст ва чун яке аз шаклҳои мухтасари шеъри матлаъ ва мақтаъ надорад. қитъа аз ду то 18 байт мешавад: аб,вб, гб…

*Ғазал* – яке аз шаклҳои машҳури назми лирикии тожик мебошад. Ҳиссиёти ишқи ва ҳам ҳиссиёти граждани ифода меёбад ҳажми ғазал одатан аз 7 то 14 байт мешавад: аа,ба,ва…

*Қасида* – шоир фикру мулоҳиза ва орзую ҳаваси худро ба таври мадҳ баён менамоянд: схемааш аа, ба, ва,га..

*Тарҷеъбанд* – шеъре, ки аз якчанд банд иборат буда, ҳар бандаш ба ҳажми як ғазал ва аз жиҳати тартиби қофиябанди монанди ғазал мустақил аст ва дар охири ҳар як бандаш байти васила (сарибанд) дорад.

*Таркиббанд* – низ аз якчанд бандҳо - ғазалҳо иборат буда, бамисли таржеъбанд қофиябанди дорад.

*Суруд* – шаклҳои хурдтарини шеърии жанри лирики ба шумор меравад: Аксар суруд бо савту оҳанги мусиқи сароида мешавад.

*Достон* – бо вужуди бо шеър,бо каломи мавзун тараннум ёфтани воқеаҳо дар достон, доираи тасвири ҳаёт ва одамон дар он хеле васеъ аст. Хели достонҳо: фалсафию ахлоқи, панду насиҳати, ишқию романтики, таърихию хронологи, қаҳрамони…

Дар бораи баъзе намудҳои жанрҳо маълумоти мухтасар дода шуд.

Мақсад аз омӯхтани жанрҳои адаби он аст, ки хонандагон қоидаҳои шакли эжодшавии асарҳоро дониста мазмуни он асарҳоро хеле хуб дарк менамоянд.

Интизори: Дар бораи жанрҳои бадеи маълумот гирифтан.намунаҳо хондан ва таҳлил намуда тавонистани жанрҳои бадеи.

**Тестҳо:**

1. Ҳикояҳои хурди ҳазломез чи ном дорад?

а) ҳикоя; б) латифа; в) новелла; г) очерк.

2. Асаре, ки якчанд ҳодисаю воқеаҳоро дарбар мегирад.

а) повест; б) афсона; в) ҳикоя; г) достон.

3. Шеъре, ки ҳар бандаш ҳамқофия ва ҳамвазн аст.

а) мусаддас;   б) маснави;    в) мухаммас;  г) рубои.

4. Шаклҳои хурдтарини шеърии жанри лирикиро гӯед.

а) суруд;   б) тарона;    в) рубои;    г) бадеҳа.

**Мундарижа**


- Талабҳои давлати аз фанни мутахассиси.-----------------4
- Навигари ва муваффақиятҳои забони адабии ҳозираи тожик---------------------------------------------------------5 Таҳлили луғавии матн---------------------------------------9
- Талабҳои ДТС, таҳлили илми-методикии дастури забони тожики--------------------------------------------------------11
- Таълими масъалаҳои адабиёти классикии тожик-------15
- Таълими масъалаҳои адабиёти асри XX---------------- 21
- Хониши ифоданок-----------------------------------------25
- Ташкили хониши берун аз синфи аз фани адабиёт----25
- Воситаҳои тасвири бадеи ---------------------------------26
- Вазни аруз--------------------------------------------------30
- Жанрҳои адаби-----------------------------------------------45
- Мундарижа---------------------------------------------------49